Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (735140, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзӯи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)**

**1. Мубрамият ва зарурияти баргузории тадкикот.**

Дар пешрафти замони муосир техникаву технологияҳои иттилоотӣ накши назаррасро соҳиб буда, бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ (минбаъд – БКК) яке аз самтҳои босуръат инкишофёбанда ва шакли маъмули таъминоти барномавӣ ба шумор меравандˆ. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ на танҳо василаи дилхушиву фароғатанд, инчунин онҳо вобаста ба синнусол ҳамчун воситаи таълим низ махсуб меёбанд, ки тасдикгари он теъдоди тадкикотҳои илмӣ дар ин самтанд.

Истифодаи мувофиқи технологияҳо барои ташкилоту муассиса ва ширкатҳои соҳаҳои мухталиф воситаи ҳаётан муҳими ноил шудан ба муваффакиятҳо ва бохабар шудан аз дастовардҳои муосиртарини технологӣ дар бозор аст.

Дар ин раванд, муҳити мактаби олӣ низ истисно набуда, технологияҳои компютерӣ, аз ҷумла бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар он ҷо ба таври васеъ истифода гардида, қисми технологияҳо барои дастгирии ҷараёни таълим ва сохтори он, бахусус дар ҳалли масъалаҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ба донишҷӯён барои тадкиқ ва татбиқи донишҳои назариявии худ дар муҳити бехатари моделсозишуда, ки вокеиятро инъикос мекунад, имконият фароҳам меоранд.

Дар самаранокии сифати ББК бояд истифодабарандагон мавҷудияти роҳбарию роҳнамоии мувофиқ ва дастурамалҳои зарурию барои омӯзгорону донишҷӯёнро дар раванди таълим донанд. Илова ба ин, дар таъмини истифодаи доимӣ ва инкишофи технологияҳо дар муҳити мушаххас, назорати татбиқи онҳо муҳиманд, ки бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ низ истисно нестанд.

Одатан, бозиҳои компютерӣ-коромӯзиро ҳамчун воситаи таълим дар мактабҳои олӣ таъриф медиҳанд, бинобар ин, довталаб тасмим гирифтааст, ки ин масъаларо мавриди омузишу тадкиқ қарор диҳад. Чун дигар воситаҳои таълим, дар баъзе маврид бозиҳои компютерӣ-коромӯзиро истифода бурда, омӯзгорон на ҳамеша ба интизориҳои худ ноил мешаванд.

Дар баробари ин, донишҷӯён низ аз истифодаи бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар дарс қаноатманд нестанд, яъне на ҳамеша он ҳамчун усули таълим талаботи онҳоро қонеъ мегардонад.

Мубрамияти масъалаи мазкур боз дар он инъикос меёбад, ки роҳу усулҳои шавқовартар гардонидани истифодаи бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ барои донишҷӯён дар ҷараёни таълим таҳия ва пешниҳод гардад.

Дар ин замина, барои муайян намудани сабабҳои пайдоиши ин падида

кӯшиш намуданд, ки нодурустии ақидаи зеринро исбот намоянд: ҳарчанд аз нуқтаи назари омӯзгорон бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ барои баланд бардоштани омодагии донишҷӯён ба таълим пешбинӣ шудаанд, вале донишҷӯён онро на ҳамеша воситаи хуби таълимӣ меҳисобанд.

Таъмини самаранокии ҷараёни таълим бо истифодаи бозиҳои коромӯзии компютерӣ ва амалисозии таълими инноватсионӣ ҳангоми таҳияи маҳсулоти инноватсионӣ дар ин самт яке аз омилҳоест, ки дар ба роҳ мондани алоқаи илм ва истеҳсолот ёрӣ мерасонад. Воситаҳои муосири иттилоотӣ ва компютерӣ баъди татбиқи амалӣ дар ба даст овардани манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат намуда, пешравиро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи маориф ва илм таъмин мекунанд.

Бо истифодаи мақсаднок ва самараноки БКК дар ҷараёни таълими мактаби олӣ вазифаҳои мураккаб ва гуногуни таълимиро ҳал карда, сифати таҳсил ва сатҳи омодагии донишҷӯён – мутахассисони ояндаро баланд бардоштан мумкин аст.

Тавре маълум аст, бозиҳои дидактикӣ иқтидори баланди таълимӣ доранд, ки ба ин тадқиқоти илмӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ мисол шуда метавонанд. Довталаб тадқиқоти як қатор муҳаққиқонро оид ба масъалаҳои истифодаи компютер дар бозии таълимӣ таҳлил ва хулоса намудаст, ки ба ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми муколама бо компютер диққати бештар дода шудааст. Дар адабиёти мавҷуда гурӯҳе аз олимон масъалаҳои ба моделсозӣ вобастаро баррасӣ мекунанд, қисми дигар ба бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ рӯй меоранд. Бо вуҷуди ин, баррасии ин масъалаҳоро бо ҳамон як шакли замимаҳо – воситаи сунъисозандаи ягон амал дар муҳити муайян ҷамъбаст кардан мумкин аст.

Таърихан бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар ҷараёни таълими фанҳои муайяни илмӣ (муҳандисӣ, илмҳои биологӣ) ва барои омодагии касбии сатҳи баланди хатарнокидошта (ҳарбӣ, авиатсионӣ ва тамринӣ) истифода бурда мешуданд. Бо вуҷуди ин, вақте ки фаъолият-симулятсия баррасӣ мешавад, баъзе муаллифон онро симулятсия меноманд. Дар ин тадқиқот истилоҳҳоеро истифода бурда шудаанд, ки онҳоро муаллифони дигар дар тадқиқотҳои худ истифода бурдаанд. Ба ғайр аз ин, диққати асосӣ дар тадқиқот ба баррасии БКК ва ҳамдигар ивазкунии онҳо ҳамчун симулятсияҳо ва бозиҳои симулятсионӣ равона карда мешавад.

БКК аслан сохтори якхелаи заминавӣ доранд. Онҳо тавре сохта шудаанд, ки муҳити воқеӣ ё фарзиро барои рақобат карда тавонистани бозингарон фароҳам оранд. Инчунин БКК соддагардонии баъзе вазифаҳои абстрактро имконпазир мегардонанд, то ин ки мазмуни онҳо ҳатто барои истифодабарандаи навкор дар ягон соҳа фаҳмо бошад.

Сатҳи татбиқ ва истифодаи сарчашмаҳои мавҷудаи таълимӣ, аз ҷумла захираҳои бозиҳои таълимии компютерӣ, ки ҳангоми ҳамгироии пурра дар ҷараёни таълим таъмин мегарданд, ба таври кофӣ омӯхта нашудааст, ки ин мубрамии тадқиқотро муайян менамояд.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Аз таҳлили диссертатсия чунин бармеояд, ки дар он муаллиф аз назарияи олимони хориҷӣ (бахусус олимои рус) ва ватанӣ оид ба истифодаи бозиҳои

компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ васеъ истифода бурда, маълумотҳои марказҳои тадқиқотӣ, маводҳои конференсиҳои илмӣ-амалӣ, доир ба масъалаи тадқиқшаванда ҳамчун пойгоҳи назариявии ин тадқиқот васеъ истифода бурдааст.

Асоснокии хулосаву тавсияҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ коркардшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф тавонистааст онҳоро дар асоси омӯзиши васеи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба даст орад ва онҳоро ба мактабҳои олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили раванди таълим ва таҳияи чорабиниҳо дар самти методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯён истифода бурдан, пешниҳод намояд. Инчунин муаллиф дар натиҷаи тадқиқ роҳу воситаҳои амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ пешниҳод намудааст.

Асосҳои назариявии тадқиқотро асарҳои намояндагони мактабҳои илмии педагогӣ, тадқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, роҳу воситаҳои амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ, санадҳои меъёрию қонунгузориҳои ҷумҳурӣ (қонунҳо, қарору амрҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ) оид ба методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, инчунин методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими омӯзгорони оянда фанни иқтисодиёт дар мактаби олӣ ташкил медиҳанд. Моҳияти омӯзиши асосҳои назариявии мавзӯи тадқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардаро олимон ва коршиносони ба ҳалли масъалаҳои тадқиқоти истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ машғул буда, метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд, зеро ки ин раванди мураккаби тағйирёбии таълим ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои гуногунҷанбаи хусусиятҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ доштаро талаб менамояд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо кори диссертатсионӣ маълум гардид, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи тадқиқот рафтор намуда, далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти шахсии худро дар раванди натиҷабардорӣ коркард ва таҳлил намуда, мустақилона маълумотҳои омориро вобаста ба мақсади тадқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия би ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои зерини шинономаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01- Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мувофиқ аст: 1. Масъалаҳои мониторинги баҳодиҳии сифати таълим аз информатика дар зинаҳои гуногуни таълим. 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои педагогии нав ва системаи методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки дар зинаҳои гуногуни таълими информатика рушди хонандаро таъмин менамоянд. 13.

Назария, методика ва амалияи информатикунонии таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва олии касбӣ. 20. Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз информатика мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи информатикунонӣ ва навгонии таълими ватанӣ. 27. Назария ва амалияи коркарди муҳити иттилоотӣ дар идоракунии раванди таълим дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ. 28. Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои иттилоотию коммуникатсиониро амалӣ мегардонад. 29. Масъалаҳои мураттабсозии мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилкунии таълим ва тарбия аз информатика дар шароити муосири ҷамъияти иттилоотӣ ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ.

**4. Саҳеҳӣ ва навгони илмии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Унсурҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешавад, аз инҳо иборат мебошад:

- Мафҳуми сохтор ва моҳияти усулҳои истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо ба донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.

- Имкониятҳои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию компютерии донишҷӯён бо истифодаи БКК дар муҳити иттилоотию таълимӣ муайян гардиданд.

- Барои истифодаи БКК ва воситаҳои технологӣ дар реҷаҳои онлайн ва офлайн дар муҳити иттилоотию таълимӣ, инчунин технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамгироӣ бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

- Шароитҳои педагогии истифодаи БКК (барномавию мазмунӣ, методӣ, шахсиятию инкишофдиҳанда, аксиологӣ ва таъминкунандаи самаранокӣ), ки ба мутобиқгардонии ҷараёни омодагии донишҷӯён равона шудаанд, муайян гардиданд.

**5. Аҳамияти илмӣ-амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии тадқиқоти диссератсионии мазкур аз он иборат аст, ки назарияҳои дар кор шаклгирифта заминаи муҳим оид ба истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ барои минбаъд муайян намудани заминаҳои методии амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дорад. Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснок намудани роҳу воситаҳои амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими омӯзгорониояндаи фанни иқтисодиёт дар мактаби олӣ истифода бурд.

Аҳамияти амалии тадқиқотро натиҷаҳои амалии тадқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар бар мегирад. Тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионии таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, муаммоҳои истифодаи бозиҳои

компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

**6. Тавсифи умуми кори диссертатсионӣ.**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда (159 номгӯй) 174 саҳифаи матни компютерро бо 9 ҷадвал, 13 расм ва 5 диаграмма дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзӯи тадқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъалаҳои мавриди омӯзиш қарордошта, робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии он, объекти тадқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсад ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ менамояд, ки муаллиф масъалаҳо ва муаммоҳои назариявии масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, таъмини асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро аниқ намуда, асосҳои назариявии ҳалли онҳоро коркард намудааст.

Дар боби аввал «**Асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ**» асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян гардида, тавсифи заминаҳои рушди технологияҳои компютерӣ дар татбиқи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба роҳ монда шуда, шароитҳои психологию педагогии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ба ақидаи муаллиф масъалаи истифодаи БКК дар таълим на танҳо барои таҷрибаи таълим дар мактабҳои олӣ, балки дар давраҳои такмили ихтисос дар муассисаҳои таълими иловагӣ муҳим буда, ҳаллу фаслро талаб мекунад.

Усули саволнома, дар баробари омӯзгорон, барои донишҷӯён ҳам истифода бурда шудаст, ки мақсади он муайян намудани сатҳи маълумотнокии донишҷӯён дар бораи БКК буд. Дар он 60 нафар донишҷӯёни факултети иқтисод ва идораи ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва донишҷӯёни факултети идоракунии давлатӣ, ихтисоси идораи давлатӣ ва иқтисодиёти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карданд. Аз натиҷаҳои усули саволнома муайян шуд, ки дар байни донишҷӯён сарчашмаҳои асосии иттилоот дар бораи БКК дӯстон-41%, интернет-24%, воситаҳои ахбори омма-25% мебошанд, 10% донишҷӯён нокифоя будани иттилоот дар бораи БКК-ро қайд карданд, 75% донишҷӯён дар бораи БКК тасаввурот доранд. 25% донишҷӯён чунин мешуморанд, ки ҳоло таълим бо истифодаи БКК татбиқ намешавад.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки донишҷӯён ба ин савол ноогоҳона ҷавоб доданд, яъне ба чӣ будани таълим бо истифодаи БКК сарфаҳм нарафтанд. Аз ин бар меояд, ки 25% донишҷӯён ва 73% омӯзгорон бартариҳо ва

камбудиҳои таълимро бо истифода аз барномаи БКК, бо сабаби сарфаҳм нарафтан ба мазмуни он номбар накарданд.

Дар диссертатсия муаллиф шароитҳои психологию педагогии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро таҳлил карда, муайян намудааст, ки усулҳои таълим бо истифодаи бозиҳои компютерӣ интихоби самараноки сюжети бозии компютерӣ, таъсирҳои гуногуни компютерӣ ва ташкили таълими проблемавиро дар шакли викторинаҳо, муаммоҳо, ҳазлҳо ва сканвордҳои компютерӣ пешбинӣ менамояд. Истифодаи БКК дар таълим минбаъд барои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию касбии мутахассисон мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм **«Заминаҳои методии амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ»** муаллиф ба сифати заминаҳои методии амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълим роҳу воситаҳои амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими омӯзгорони ояндаи фанни иқтисодиёт дар мактаби олиро пешниҳод намудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар мактаби олӣ ба таълим бо истифодаи БКК ба таври кофӣ диққат дода намешавад; на танҳо донишҷӯён, балки баъзе аз омӯзгорон ҳам дар бораи он тасаввурот надоранд. Низоми муосири маориф ташкилу татбиқи мукаммали ҷараёни таълимро талаб мекунад.

Мақсади озмоиши муқарраркунанда аз муайян намудани мавқеи ибтидоии тадқиқот ва гирифтани маълумотҳои асосӣ барои гузарондани озмоиши ташаккулдиҳанда иборат буд. Дар натиҷа фарзияи тадқиқоти диссертатсионӣ муайян гардидааст.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки агар дар низоми таълими бакалаврҳо шартҳои ташкилии дар боло номбаршуда, хусусан имкониятҳои БКК татбиқ шаванд, ҷараёни таълим дар мактаби олӣ ба баланд бардоштани сифати омодагии донишҷӯён аз рӯи фан ва ба инкишофи фаъолияти маърифатии мустақилонаи донишҷӯён мусоидат мекунад.

**Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо** натиҷаҳои асосии кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ аз 9 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расида иборат аст, ки 8-тояш дар танҳоӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионии Умарзода С.У. тадқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии дисссртатсия ва навгонии илмии онро ифода менамояд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар дисссртатсияи тақризшаванда дар баробари мавҷудияти бартариятҳо, баъзе камбудиҳо ва нуқтаҳои баҳсталаб ба назар мерасад, ки қайд намудани онҳоро зарур мешуморем:

1. Хуб мешуд, ки агар довталаб дар доираи диссертатсия ақалан як барномаи бозии компютериро сохта, методикаи коркард ва истифодабариашро

меофарид, ин сатҳу сифати диссертатсияро боз ҳам баландтар мегардонд;

2. Бахши ҳар як боб ва хулосаи боб аз саҳифаи нав оғоз ёфтаанд, ҳол он ки бояд аз давоми бахш оғоз ёбанд;

3. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда баъзе аз адабиётҳо маълумотҳои библиографӣ надоранд, аз ҷумла аз худи муаллиф [133], [134].

4. Баъзе хатоҳои синтаксисӣ дар маводи диссертатсия ба чашм мерасад. Ҳама онҳоро дар ғалатнома нишон додан зарур мегардад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргашта хусусияти ҷузъӣ дошта, ба моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**, Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи "Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (замимаи 2) тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин, муаллифи он Умарзода Сафаралӣ Умар сазовори дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технологияи информатсионӣ
ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Аҳтам Пулотович

(Тел. 91-962-4444, Email: ahtam_69@mail.ru)

Имзои Назаров А.П.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — А. Мустафозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС